Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05.-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод шудааст.**

Ба роҳ мондани корҳои селексионӣ, интродуксияи навъу намунаҳо дар шароитҳои гуногуни парвариш ва истеҳсоли ҳосили баланди дарахтони мевадиҳанада, яке аз омилҳои ҳалкунандаи пешрафти соҳаи боғпарварӣ ба ҳисоб меравад.

Яке аз роҳҳои баланд бардоштани ҳосилнокӣ, ба вуҷуд овардани навъҳои нави серҳосилу ба талаботи бозор ҷавобгӯ ва мукамалгардонии технологияи бунёди боғҳо бо тарзи замонавӣ мебошад.

Аҳамияти ғизоию шифоӣ ва иқтисодии олу, ки аксарияти минтакаҳои боғдории ҷумҳурӣ барои парваришаш мувофиқ аст, чун ки маҳсулоташ дар шакли тару тоза, хушк ва коркарди саноати хӯроквӣ на танҳо дар бозори дохилӣ, балки барои содирот мавқеи худро васеъ карда истодааст.

Ҳадафи асосӣ ва мазмуну муҳтавои диссертатсияи мазкур ба омӯзиши хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон баҳри истифодабарии навъҳои навъ дар селексия ва истеҳсолот равона карда шудааст, ки ин мубрамии тадкиқотӣ унвонҷӯ баҳисоб меравад.

Навгонии мавзӯи таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки гузариши марҳилаҳои фенологӣ, хусусиятҳои биоморфологӣ, агроэкологӣ, селексионӣ ва мутобишавии 8 навъи нави интродуксионии олу дар шароити агроэкологии ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон муайян карда шудааст. Инчунин устувории навъҳо ба касалиҳои асосии занбуруғӣ, дараҷаи осебрасонии ҳашаротҳои зараррасон, ҳосилнокӣ, таркиби биохимиявии мева ва самарнокии иқтисодии навъҳои нави интродуксионии олу дар шароити минтақа амалӣ карда шудаанд.

Аҳамияти таҳқиқотҳои илмӣ дар он аст, ки дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои нави ояндадори дорои хусусиятҳои хос ва хушсифати олу мебошад. Инчунин, баҳодиҳии навъҳои нави олу вобаста аз сифати моли дошта, мутобиқат ба шароитҳои минтақаи парвариш, ҳосилнокии навъҳо муайян карда шудааст.

Дар натиҷаи гузаронидани тадқиқотҳо унвонҷӯ Фозилов Ҷ.Д. “Кабардинская ранняя», «Блю фри» ва «Стенлей», ки аз ҷиҳати

ҳосилнокӣ ва устуворият ба омилҳои табиӣ аз дигар навъҳо бартарӣ доштанд, ҳамчун навъҳои ояндадор ба истеҳсолот пешниҳод намудааст.

Муаллиф исбот намудааст, ки ҳосилнокии навъҳои нави интродуксиони омӯхташудаи олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон аз 9,7 т/га то 15,4 т/га- ро ташкил додааст. Аз рӯйи хусусиятҳои хоси экологиашон ва ҳосилнокии зиёд, навъҳои “Кабардинская ранняя” - 13,8 т/га, “Блю фри” 15,4 т/га ва “Стенлей” 13,3 т/га т/га-ро ташкил дод, ки нисбат ба навъи назоратии “Анна Шпет” аз 3,5 то 5,6 т/га (аз 13,0 то 15,0%) зиёд мебошад.

Натиҷаҳои тадқиқот аҳамияти назариявӣ ва илмию амалӣ дошта, хулоса ва тавсияҳои пешниҳод намудаи муаллиф асоснок будани натиҷаҳои таҳқиқотро нишон медиҳад.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шуда; ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он Фозилов Ҷалолиддин Дусмродович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи
ихтисоси 06.01.05-Селексия ва
тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ,
директори Институти боғу
токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ Ш.Ш. Кароматов

Суроға: 735022, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Ҳисор,
ҷамоати Мирзо Ризо, деҳаи Сурхакчашма,
тел: (+992) 93-881-14-81, E-mail: sharofiddin@mail.ru

Имзои Ш.Ш. Кароматов - ро тасдиқ менамоям:
Сармутахассис оид ба кадри Институти боғу
токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ М.Н. Музафарова

Суроғаи муассиса: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 21а,
тел: (+992-37) 221-54-43; E-mail:bogparvar@mail.ru

4-уми декабри соли 2025